**РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА 28-УМИН СОЛГАРДИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУБОРАК!**

АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ


E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 8 (29) 16 ноябри соли 2020, сешанбе
(Оғози нашр: соли 2017)


## РАҲНАМОИ МИЛЛАТ

Пурнур шаҳчароғӣ, эй раҳнамои Миллат,
Раҳҷӯи бахти халқӣ, эй раҳкушои Миллат.
Дастони сулҳу Ваҳдат бо хуни дил навиштӣ,
Аз хишти ҷисму ҷонат кардӣ бинои Миллат.
Кам сарваре ба олам бо чораи фароҳам,
Аз интиҳои Миллат ҷуст ибтидои Миллат.
Дар ҷону дил гирифтӣ аз сидқ дарди Миллат,
Гаштӣ табиби миллат, кардӣ давои Миллат.
Аз бераҳӣ кашидӣ то огаҳӣ Ватанро,
Аз огаҳии Миллат ҷустӣ бақои Миллат.
Киштишикаста миллат омад ба соҳил охир,
То аз Худо расидӣ, эй нохудои Миллат.
Ҳар бенавои қисмат аз ту навои дил ёфт,
Оҳанги бахт бинмуд, шуд ҳамнавои Миллат.
Бо чеҳраи кушода, бо ҳиммати зиёда,
Бурдӣ ба рӯи дунё нуру сафои Миллат.
То чашми даҳр бурдӣ симои дилкашашро,
То минбари ҷаҳонӣ бурдӣ садои Миллат.
Байни ҳазор миллат дар чашми даҳр аён аст,
Бо қомати расоят арзанда ҷои Миллат.
Аз софият сиёсат бинмуда тарки ҳилат,
Бо сидқ менамояд хидмат барои Миллат.
3-ин рӯ, карини мардум ҳастӣ, чунон ки акнун,
Чун мардумак азизӣ дар дидаҳои Миллат.
Хушҳол он ки ин сон бинҳода аз сари сидқ,
Дилро ба роҳи Миллат, сарро барои Миллат.
Эй тифли миллат аз ту ҳангоми зиндагонӣ,
Хушноми зиндагонӣ пурдил ниёи Миллат.
Эй ҷону дил мунаввар, эй сӯи нур раҳбар,
Аз ту зиё гирифта аҳли зиёи Миллат.
Эй раҳнамои ахтар, андар самои даврон,
Эй дилфидои Миллат, эй ҷонфидои Миллат.
Шуд пеши роҳи Миллат во аз ту сӯи давлат,
Пеши раҳи ту во бод, эй Пешвои миллат.

Низом ҚОСИМ
Шоири халқии Тоҷикистон





Рӯзи 5 ноябр дар маҷлисгоҳи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз бахшида ба 26 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ дар мавзӯи «Конститутсия – бахтномаи миллат» доир гардид. Дар конференсия маъмурият. омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассиса иштирок доштанд. Чорабинӣ бошад аз ҷониби кафедраи фанҳои «Гуманитарӣ»-и коллеҷ ташкил карда шуда буд.





Бахшида ба «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таърихи 16 ноябр, дар толори маҷлисгоҳи МДТ КТК ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз конференсияи илмӣ сиёсӣ дар мавзӯи «Пешвои тоҷикони ҷаҳон» доир гашт. Чорабиниро омӯзгорони кафедраи фанҳои «Гуманитарӣ» омода карда буданд.

## 14 НОЯБР РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ МУБОРИЗА МУҚОБИЛИ БЕМОРИИ ДИАБЕТИ ҚАНД

# БЕМОРИИ ДИАБЕТИ ҚАНД ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

**Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бар муқобили диабети қанд дар зиёда аз 160 давлати дунё таҷлил карда мешавад, ки оғози он аз 14 ноябри соли 1991 мебошад. Таҷлили онро на танҳо Федератсияи байналхалқии диабети қанд омодагӣ медид, балки ТҶТ \Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ\ низ. Ин рӯз тасодуфӣ қабул нашудааст. Маҳз дар ана ҳамин рӯзи 14 ноябри соли 1991 физиолог, табиби канадагӣ Фредерик Бантинг ба дунё омадааст, ҳамоне, ки якҷоя бо ҳамкасбони худ соли 1992 инсулинро кашф намуд. Баробари кашфи инсулин эраи нав дар таърихи эндокринология фаро расид, чӣ қадар даст дод ёфтани дору аз беморие, ки то ба ҳамон вақт начот додани садҳо миллионҳо нафар одамон табобат надошт. Асрҳои аср одамон воситаи мубориза ба ин бемориро намедонистанд, ва диагнози бемории диабети қанд ба бемор ягон умедеро намедод на танҳо ба сиҳатшавӣ, балки ба зиндагӣ, ҳаёт низ: бе инсулин бадани бемор арзи ҳастӣ карда наметавонад ва маҳкум ба оҳиста-оҳиста нобудшавӣ аст.**

**ШАҲБОЗЗОДА ГУЛИСТОН,**
**донишҷӯи курси 1, Кори момой, КТК**



Бемории диабети қанд, беморие мебошад, ки инсон бо чанд роҳхо метавонад мубталои он гардад. Ҳамчунин, дар ҳолати мубталои он будан шахс бо дигар беморӣ агар сироят ёфт табобати беморӣ дар муқоисаи нафароне, ки бемории диабети қандро надорад мушкилтар аст, нафари диабети қанд надошта, ки баробар бемор шуданд ба касале зудтар шифо меёбад. Беҳтарин табобат ин дар бемории диабети қанд парҳез мебошад, ки он риоя шуд шахс худро хубтар ҳис карда, қанди таркиби хунаш ҳам баланд намешавад ва худро беҳатар ҳис мекунад.

Ҳар сол дар дунё аз бемории диабети қанд қариб 4 миллион нафар одамон мефавтанд. Дар ҳар як 10 сония бо сабаби алоқамандӣ бо бемории диабети қанд дар дунё як нафар дунёро падруд мегӯяд. Бемории диабети қанд ҳамчун сабаби фавт, ҷои сеюмро дар дунё баъди атеросклероза ва бемории саратон ишғол карда меояд.

**ШИФОИ ҚУРБОНХОН,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момой, КТК**



Ба бемории диабети қанд бештар одамони калонсол гирифтор мешаванд. Ҳарчанд, ки дар оморҳо сину соли 18 сола боло ҳам дар байни гирифторони ин беморӣ вомехӯрад. Беморони диабети қанд боз сабаби дигараш аз рӯи таҷрибаи мутахассисон бештар одамони фарбеҳ мешаванд, хоҳ мард аст хоҳ зан. Мисле, ки пешгирикунандаи аввалиндараҷаи дилхоҳ беморӣ ин тарзи ҳаёти солим аст, ва шахс аз машқ, варзиши бадан на бояд фориғ бошад. Нафари варзишгар ва нафари деҳқон, ки дар ҳақиқат ба кори ҷисмонӣ машғул аст камтар гирифтори бемории диабети қанд ва дигар бемориҳо мешавад ё намешавад. Барои ҳамин ҳар як нафар шахси солим пеш аз ҳама табиби саломатии худаш худаш аст.

Соли 2017 бо ташаббуси (ТУТ) ва (ФББДҚ) рӯзи умумиҷаҳонии пешгирӣ аз бемории диабети қанд ба мавзӯи «Занон ва бемории диабети қанд – ҳуқуқҳои мо барои салимии оянда» ин равона шуда буд ба он мақсад, ки ҳамаи аъзоёни СММ ба мушкилии бемории диабети қанди бонувон, ҳоҷатҳои спецификии ҳомиладорон ва духтарони наврас диққат диҳанд. Мавзӯъ тасодуфан интихоб нашудааст, охир бемории диабети қанд – ин яке аз аввалин сабабҳои фавт. Дар дунё ҳар 9 – умин зан (2,1 миллион нафар зан – ҳар сол) айнан аз ҳамин бемории диабети қанд мемирад.

**МАЛИКА САИДОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момой, КТК**



Бобову падаронамон мегӯянд, ки дар даврони собиқ шӯравӣ нафарони гирифтори бемории диабети қанд ва намуди ин беморӣ низ кам буд. Аз даврони барҳамхурии собиқ ҳукумати шӯравӣ мубталоёни бемории диабети қанд зиёд шудааст. Боз мушкилӣ дар он аст, ки гирифторони ин беморӣ аз сини 18 сола баланд мебошанд. Мувофиқи оморҳои коршиносону мутахассисон ва матбуоти даврии соҳавӣ баъди бемории саратон ин бемориро хавфаш ба нафари бемор зиёдтар аст, агар парҳез накард ва ё табобати дуруст нагирифт. Ба ин беморӣ зану мард баробар мубтало мешаванд. Дар минтақаи мо як маркази эндокринологӣ мавҷуд аст, ки гирифторони бемории ҷоғар ҳамроҳ бо беморони диабети қанд дар як бино ҳастанд. Дар як минтақаи як миллиону дусад ҳазор аҳолӣ дошта, як маркази хурд ва бо ғунҷоиши 20-30 кат ин кам аст. Ҳатто дар ноҳияҳои минтақа мутахассисон табибони бемории диабети қанд намерасанд. Ҳамаи ин мушкилӣ аст. Аҳолӣ бошад сол ба сол зиёд шудан дорад, беморӣ низ куҷо шумораш дар кураи замин афзоиш ёфта исодааст.

**ОИШАМОҲИ ҲАЙДАР,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момой, КТК**



Ҳастанд нафароне, ки бемории диабети қандро ирсӣ, яъне аз волидайн қабул мекунанд. Бемории диабети қанди ирсиро табобат мекунанд, инро низ бо парҳез. Лекин нафароне, ки ирси неву аз тарс ва бо вайрон кардани реҷаи таъом ва ё дигар роҳхо мубталои бемории диабети қанд шудаанд табобати онҳо каме осонтар аст, ва ин гурӯҳ ҳам парҳезро пеш аз ҳама бояд риоя кунанд. Таркиби хуни инсон аз сафеда, қанд ва чанд элементхои дигар иборат аст. Вақте қанди таркиби хун аз меёр зиёд мешавад инсон мубталои бемории диабети қанд мегардад. Чӣ бояд кард? Вобаста ба сину сол инсон бояд \дар вақти муайяншуда, дар як сол як, ё ду маротиба\ аз ташхиси тиббӣ гузарад. Хунашро бисанҷад, ки қандаш мувофиқи меёр аст, ё қанди таркиби хунаш баланд шудааст. Аз ташхиси рентгенӣ бояд дар шаш моҳ як маротиба гузарад. Дилашро ЭКГ кунад, фишори дил, хун ва кор кардани дилашро бисанҷад. На ин ки 70 фоиз одамони мо дар як, ё ду сол як маротиба аз ташхиси тиббӣ намегузаранд. То замоне, ки ба ягон беморӣ гирифтор нашуд, парвое надоранд. Баъд мегӯяд, ки ба бемории диабети қанд гирифтор шудам.

**ҲАЙДАРЗОДА ДИЛНОЗА,**
**донишҷӯи курси 1, Кори момой, КТК**



Мувофиқи маълумоти ТҶТ шумораи гирифторони бемории диабети қанд дар тамоми дунё 108 миллион нафар дар муқоисаи соли 1980 зиёд шудааст, шумораи гирифторон соли 2014 ба 422 миллион нафар расид. Вазъият мураккаб мешавад, барои он ки ҳар як яюмин одам намедонад, ки вай гирифтори бемории диабети қанд аст ва ин хавфнок аст барои беморӣ мураккабшавӣ. 8 намуди аз ҳама даҳшатнок онҳо – сактаи дил, сактаи мағзи сар, нобиноӣ, бемории гурда, пусиши қисмати поёнии пойҳо, мураккабии ҳомиладорӣ ва таваккал ба саломатии тифли оянда, вайроншавии фаъолияти мардӣ.

Мувофиқи оморҳо, бемории диабети қанд метавонад 10 соли ҳаёти инсонро бигирад. 92% гирифторони бемории диабет қанд ба гурӯҳи 2 \ - 2 типа\, 6% - ба гурӯҳи диабети 1 \- 1 тип\ , ва 2% - боқимонда намуди аҳёнани диабет тақсимбандӣ мешаванд.

**ШАМСИДДИН ЭМОМОВ,**
**роҳбари гурӯҳҳои максаднoки кори ҳамшираги КТК дар н.Ховалинг**



Аз соли 2007 ин рӯз бо дастгирии СММ ҷашн гирифта мешавад. Дар резолютсияи махсуси СММ эълон карданд, ки зарурати таҳияи барномаҳои давлатӣ, барои мубориза ба бемории диабети қанд нигаронида шудаанд. Мақсади таҷлили рӯзи мубориза ба муқобили бемории диабети қанд баланд бардоштан, боҳабар будан фаҳмиш дар бораи бемории диабети қанд – на танҳо дар бораи шумораи гирифторони бемории диабети қанд, балки дар бораи он ки чи тавр мумкин аст пеши роҳи зиёдшавии ин бемориро гирифт. Шумораи гирифторони бемории диабети қанд дар тамоми дунё 108 миллион нафар дар муқоисаи соли 1980 зиёд шудааст, шумораи гирифторон соли 2014 ба 422 миллион нафар расид. Аз рӯи маълумотҳо то ба соли 2025 шумораи гирифторони ин намуди беморӣ дар дунё то ба 550 миллион нафар зиёд мешавад. Дар аввали соли 2016 дар тамоми дунё дар гурӯҳи сину соли 20-79 қариб 415 миллион нафар гирифторони бемории диабети қанд ҳисоб карда шуда буд. Ҳозир на камтар аз 199 миллион нафар занон мубталоёни бемории диабети қанд ҳастанд ва то ба соли 2040 шумораашон метавонад то ба 313 миллион нафар бирасад. Мувофиқи маълумотҳои ВАО дар муддати як сол дар Тоҷикистон 2 ҳазор нафар мубталоёни бемории диабети қанд зиёд шудаанд. Шумораи умумии гирифторони бемории диабети қанд мувофиқи маълумотҳои расмӣ 48 ҳазор нафарро ташкил мекунад. Ба гуфтаи коршиносон ғайрирасмӣ метавонад шумораи гирифторони ин беморӣ аз омори додаи расмӣ зиёд бошад.

**МАЛОҲАТИ ҚУРБОН,**
**муаллимаи фанни сиёсатшиносӣ, МДТ**
**КТК ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз**



Сатҳи мурин аз бемориҳои дил ва сактаи мағзи сар дида, сатҳи фавти гирифторони бемории диабети қанд 3 карат дар байни аҳолӣ дар умум зиёд аст. Паҳншавии умумиҷаҳонии бемории диабети қанд дар байни одамон аз 18 сола калон аз 4,7 % ки дар соли 1980 буд то соли 2014 то ба 8,5% зиёд шудааст. Бемории диабети қанд мурин фавти аҳолиро 2-3 карат зиёд намуда, дарозумриро кутоҳ мекунад. Қариб, ки нисфи ҳамаи ҳолатҳои фавт шарти таъмини баланди глюкоза ва хун дар синни 70 солагӣ рух медиҳад. Махсусан, ба тавре фалокатбор бемории диабети қанди гуруҳи \типи\ 2 инкишоф ёфта истодааст, ки шумораи он 85% ҳамаи ҳолатҳост. Бемории диабети қанд яке аз сабабҳои асосии нобиношавӣ, илатпайдокунии гурдаҳо, сактаи дил, сактаи мағзи сар ва пусидани қисмати поёнии нугҳои пой ба ҳисоб меравад. 80% муҳити одамони нобиноро мубталоёни бемории диабети қанд ташкил медиҳад. Бемории диабети қандро мумкин аст табобат кардан, ва мураккабшавии онро пешгирӣ кардан ва кам кардан низ имконият дорад бо кӯмаки парҳез доштан, фаъоли ҷисмонӣ, доруворӣ ва санҷиши мунтазам ва табобатӣ вазниншавӣ.

«Дармонбахш»

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ҲОМИ ХАМ

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фариддун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Абдусамадзода Бахтулло, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 034/РЗ-97 аз 15. 09. 2017 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru

# 16 НОЯБР РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ

Рӯзи 16 ноябр дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» рӯзи Президент муайян карда шудааст.

Мансаби Президентӣ муқарраротӣ конститутсионӣ буда, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу шартҳои ба ин мансаби олии ҳокимияти давлатӣ интихоб шудан ва лаҳзаи ба фаъолият шурӯъ намудани Президент муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, меъёрҳои моддаи 67 Конститутсия пешбинӣ менамоянд, ки Президент пеш аз шурӯъи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад.

Нафарони аз 40 сола боло дар ёд доранд ва насли аз он ҷавон бошанд дар саҳифаҳои таърих ва матбуоти даврӣ хондаанд, ки 16 ноябри соли 1994 дар иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими савгандёдкунӣ ва ба вазифа шурӯъ кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда буд.

Барои чӣ 16 ноябр рӯзи Президент интихоб шуду дигар рӯз не? Посух ин аст, ки дилхоҳ санаи таърихӣ ва ё рӯзи ид сабаб ва алоқамандие дорад ба вақту замонаш. Мақсад дар он буд, ки дар ҳақиқат аз 16 ноябр сар карда, рӯзи тақдирсозу муаянкунандаи тараққиёти аз ин баъдинаи Тоҷикистон давраи нави муҳими давлатӣ, яъне тибқи Конститутсияи давлати соҳибихтиёр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии президентӣ оғоз ёфта, Президенти тозаинтихобгардида ба иҷрои вазифаи худ сар кардааст.



Баробари ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин ниход маънои бузург бахшида онро ба як ниходи начотдиханда ба сарчамъии миллати тоҷик табдил дод. Махз ӯ тавонист таҷрибаи сиёсиву ҳуқуқӣ ва байналмилалию таърихии ниҳоди Президентиро истифода карда, ин шакли давлатдориро ба модели нашъати миллии тоҷикон табдил диҳад.

Мафҳуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлати соҳибистиқлоли мо ба шахсияту хидматҳои бузурги мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамсадо шуда, пайванди ҷудонашаванда дорад. Дар «Рӯзи Президент» дархол шахсияти таърихии Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳматҳои бузурги он кас дар роҳи нашъати давлату миллат пеши рӯй меоянд.

**Пешвое, ки гавҳараш нур аст,**
**Суханаш нуру минбараш нур аст.**
**Қадамаш хуррамию ободӣ,**
**Ватанаш нуру кишвараш нур аст.**
**Нури ҳафт осмон нигаҳбон бод,**
**Ватанеро, ки Сарвараш нур аст.**

**Малоҳати ҚУРБОН,**
**муаллимаи фанни сиёсатшиносӣ,**
**МДТ КТК ба номи**
**Раҳмонзода Раҳматулло Азиз**



# ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – РӮДОДИ ТАЪРИХИИ ТОҶИКОН!

**Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдоди воқеан таърихӣ мебошад, зеро маҳз дар ҳамин иҷлосия тақдири оянди давлати миллии тоҷикон тарҳрезӣ гардид.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва соҳибдавлатии кишвар имрӯзҳо мо барои муарифии таърижу фарҳанги оламшумули худ имконият пайдо кардем.

Баробари пош хурдани иттиҳоди Шӯравӣ фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар кишвар як муддат суст гашта, низои дохилӣ ва вазъи ноҳуб ба бор овард, ки натиҷааш ба ҳама табақаҳои ҷомеа зарари калон расонд.

Тоҷик бори аввал дар даврони соҳибистиқлолии худ мафҳуми гурезаро дар амал дид. Тоҷик аз ватани худ бо сабаби низои дохилӣ беватан шуду дар ватани бегона ҳатто қабристонҳо аз мурда пур шуданд. Дар таърихи миллати тоҷик ин фоҷиаи гарон ҳамчун саҳифаи фаромӯшнашаванда сабт шуда, барои наслҳои имрӯзу оянда дарси ибрат гардид.

Дар таърихи миллати тоҷик Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо боз намуд.

Маҳз дар Иҷлосияи тақдирсози мазкур мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби намояндагони мардуми кишвар ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ҳамзамон ваколати сардори давлат ба он кас дода шуд. Ба ӯҳдаи сардори давлат таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар шаҳри Хуҷанд аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 баргузор гардидааст. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқло¬лияти миллӣ таъйин намудани самти ҷараёни инкишофи ҷомеа дар солҳои баъдӣ ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард.

Дар шароити фалаҷ гаштани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва хатари парокандагии давлат дар арафаи Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии ҶТ «Изҳороти Шӯрои Олии ҶТ, ки 26 ноябри соли 1992 қабул гардид, ба мардуми Тоҷикистон умед ба ояндаро ато кард. Дар изҳорот зикр гардида буд: «муҳимтарин дастоварди кори иҷлосия тантанаи Қонун аз болои қонуншиканӣ, бозгаштан ба роҳи конститутсионӣ, ҳалли масъалаҳои тезу тунди иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки ҷомеаро ба истироб овардааст»

Барои ҳамин мо бояд ба қадри рӯзҳои осоишта ва сулҳу оромӣ бирасем ва Ватани худро ҳамеша дӯст дорем. «Ватандори аз гӯшаи имондорист» - мегӯянд, мардум, ки ин суханон бепоя гуфта нашудаанд. Зеро ватандори асил, ватандӯстдори асил бо ҳама буду набудаш, бо ҳама бароруу нобарорӣ ва мушкилиҳое, ки ба сари ин сарзамин наомад ҳамроҳи ватан буд ва ҳамроҳи он ранҷ кашид ва ҳамроҳи он бо ватан рӯзи шодиаш шодӣ кард. Барои ҳамин мо бояд ба қадри ҳамаи он рӯзҳо ва таърихи миллат бирасему талош кунем,ки бахри ободии ватан заррае ҳам бошад сахме доштa бошем.

**Дар миёни кӯҳсорон сахтҷонам зодаанд,**
**Дар раҳи кӯҳсор бахри имтиҳонам зодаанд.**
**Волидайни бенишонам чун нишонам зодаанд,**
**Дар диёри камзамине бекаронам зодаанд?**
**ЛОИҚ**

Чун гавҳараки чашм мо хурду калон ин ватани камзамини худро бояд муқаддас дорем, чунки ҳар кадоми мо дар ин сарзамини зархезу мардони баномус ба воя расидаем. Мо ба қадри он бояд бирасем, зеро гузаштагони мо бо азобу ранҷҳои зиёд ин давлату фарҳангро ба мо ёдгор гузоштаанд.



**Ҷамиламоҳ ҲАЙТОВА,**
**мудири кафедраи фанҳои «Гуманитарӣ»**
**МДТ КТК**

# ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИРО БОЯД МУҲОФИЗАТ КАРД

Ёдгориҳо дар ҳаёти иҷтимой-иқтисодӣ сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик нақши калон мебозанд. Дар мисоли минтақаи Кӯлоб динамикаи тараққии пешравии фарҳангиро метавон мушоҳида кард ва нақши ёдгориҳои дараҷаҳои гуногунро дар ташаккули намунаи таърихӣ-фарҳангии махсус, дар ҷойҳо мавзеҳои алоҳида метавон қайд кард. Гуногуншаклии ёдгориҳои фарҳангӣ, ки дар ҳудуди ин минтақа нигоҳдорӣ шудаанд, арзишҳои илмӣ таърихӣ ва умумимиллиро муаррифӣ мекунанд ва мавзуро муҳим, мубрам мегардонанд.

Дар асарҳои илмии олимони таърих ёдгориҳои ба даврaи қадимтарин ва даврaи қадими асри миёнагии барвақт ва дар дараҷаи зиёд симои аниқи давраи таърихиро муайян мекунад. Барои мисол, яке аз давраҳои муҳими ташкилшавии муҳити одамӣ, ин сохти обшинаи ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Ёдгориҳои ин давраи минтақаи Кӯлоб барои таърихи Тоҷикистон арзиши калонро муарифӣ мекунанд. Аз ҳама ёдгории қадимтарин дар ҳудуди Осиёи Миёна ёдгории таърихии Кулдара \ноҳияи Ховалинг\ ба ҳисоб меравад, ки таърихи зиёда аз 800 ҳазорсолаашро ҳисоб кардаанд. Моҳияти ёдгориҳои таърихии то давраҳои таърихи баланд мешаванд барои он ки дар контексти дастаи омӯзишҳо натиҷаҳои омӯзишҳои илмии геоморфологҳо, растанишиносон, палеонтологҳо, антропологҳо химикҳо ва дигар мутахасссисон истифода шуда буданд.

Мушкил он аст, ки то ба имрӯз ҳастанд мавзеҳо ва ҷойҳои таърихӣ, ки кашф шуда ва ҳатто кашф нашуда, ки ба асрҳои гуногун таълуқ доранд ва аз мадди назарҳо дур мондаанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо ба таври бояду шояд муҳофизат намешаванд. Ки метавонад ин бемуҳофизатӣ ва наомӯхтан аз мадди назарҳо дур шуда, аз омӯзиши олимон дур монанд. Ва мушкили дигараш дар он аст, ки бозёфтҳои ин мазеҳо, ки бозгӯи таърихи мавҷудияти ҳаёту зиндагии ҳамондавро, ки муарифӣ мекунад, метавонад қисмеаш нобуд гардад.

Барои мисол, муддати чанд сол дар ҳудуди деҳаи Меҳровар \пештара Қурбоншаҳид, ноҳияи Восеъ\ ба ҷуз аз қалъа ва ёдгории таърихии атрофи он низ мавзеи таърихи буд ва ҳаст, бозори ҷамъабозори як рӯза якҳафтаина фаъолият мекард. Ин бозор чанд сол фаъолият кард. Ва баъди кандани ҳоҷатхона дар ону шояд баъди муроҷиати нафарони дилсӯз ин бозор ба ҷои мавзеи таърихӣ набуда кучонида шуд. Лекин ин мавзеъ ҳоло ҳам атрофаш маҳкам карда нашуда, дар он мошинҳо омада ба ҳайси исгоҳ қарор мегиранд. Ба ҳудуди ин мавзеъ ҳатто роҳ гардӣ ҳатман дар бисёр ҷойҳояш сафолпораҳои гуногунҳаҷму гуногунсохтро дармеёбед, ки шикаставу пора пора карда партофта шудаанд. Дар вақти сохта шудани роҳи ноҳияи Қурғонтеппа - Кӯлоб аз қисми зиёди манзилҳои зисти одамони атрофи қалъаи деҳа, ки дар паҳлӯи қалъаи Ҳулбук зиндагӣ мекунанд бозёфтҳо ва хиштпораҳои таърихӣ ёфт шуда буданд.

Дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Тугараки ноҳияи Восеъ низ мавзеи таърихӣ қарор дорад. Вале дар вақти кандани қабр дар гуристони канори роҳ кӯзаҳҳои гуногунҳаҷм аз давраҳои таърихии гуногун пайдо шуданд ва он бозёфтҳо қисмеашро ба шаҳри Душанбе ва қисмеашро ба шаҳри Кӯлоб бурданд ва баъзеи шикастааш дар ҳамон қабристон парешон аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳанӯз ҳам ёдгориҳои таърихии мавзеҳои гуногуни митақаи Кӯлоб ба пуррагӣ ёфта нашудаанд ва кофтукове ба пуррагӣ ба анҷом нарасидааст ва ин маконҳо ба муҳофизат эҳтиёҷ доранд.

**Озодамоҳ НАЗАРОВА,**
**муаллимаи фанни таърихи халқи тоҷик, МДТ КТК ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз**

Агар хоҳӣ, ки қадри ту барҷой бошад, қадри мардумони неку бишнос!
\Унсурулмаолии Кайковус\

ДАРМОНБАХШ
№ 8 (29) 17 ноябри соли 2020

# КОНСТИТУТСИЯ- ШОҲСУТУНИ ДАВЛАТ ВА БАХТИ МИЛЛАТ

**Конститусияи мо хусусияти миллӣ дорад, зеро он ба иродаи мардуми сарбаланди кишвар қабул гардида, дар ин ҳуҷҷати муҳим суннатҳои таърихии давлатдорӣ ва ғояҳои инсондӯстонаи халқи фарҳангсолори тоҷик инъикос ёфтаанд.**

**Эмомалӣ Раҳмон.**



Бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маънои онро дорад, ки ҳамаи шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ бояд онҳоро эҳтиром, риоя ва ҳифз намоянд.

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Конститутсия- Шоҳсутун ва шиносномаи миллату давлат аст». Маҳз ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ сохти давлатдорӣ ва низоми ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро муайян намуда, ба сулҳу суббот, Ваҳдати миллӣ ва зиндагии шоиста замина гузошт. Дар таърихи навини миллати тоҷик қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли мо яке аз рӯйдодҳои муҳимтарини сарнавиштсоз буда, ин санаи муборак барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ азизу гиромӣ аст.

Бо вуҷуди он ки Конститутсия дар давраи ниҳоят душвори таърихӣ қабул гардид ва аз ҷониби созмонҳои бонуфуз ва коршиносони ҷаҳон дар қатори беҳтарин Конститусияҳо шинохта шуд. Таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди бомароми иқтисодиёт, бунёдгариҳо дар ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди илму маориф, тандурустиву фарҳанг ва бахшҳои дигар аз кафолатҳои конститутсионӣ сарчашма мегирад, ки ҳар яки моро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор намуда, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конститусияро қабул ва эълон намуда ва бо шукргузорӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандии худро дар назди Конститусия адо намоем.

**Шафоат КОМИЛОВА, омӯзгори МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз**



Ифтихор ва шодбошии омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз аз савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

# АГАР ДАР ҶАҲОН НАБВАД ОМӮЗГОР

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор**

Омӯзгор омӯзандаи илму дониш, касбу ҳунар, фарҳангу адаб мебошад. Омӯзгор шахси барумандест, ки ба инсон илму адаб омӯхта, дар баробари волидайн ӯро ба воя мерасонад. Ҳамин аст, ки шоир ҳаққи устодро аз падар боло донистааст:

**Ҳаққи устод аз падар беш аст,**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**

Омӯзгор равшангари шоми шогирдон, нурест, ки чашмони шогирдонро равшанӣ мебахшад ва мушкили касро дар зиндагонӣ осон мегардонад.

**Ҳар киро устод набвад кор бар бунёд нест,**
**Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.**

Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳама маҳфилҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдон ба омӯзгор вобастагӣ дорад. Омӯзгорон вазифаи аз ҳама муҳимро ба зимма гирифта, тифли инсониятро тарбия менамоянд ва илм меомӯзанд.Омӯзгорӣ касби ниҳоят пуршараф ва душвор аст, ки касеро бе заҳмат наметавон соҳибдониш намуд. Дар ин бора шоир бисёр бомаврид гуфтааст.




**Расад ҷон бар лаби бечора устод.**
**Ки ҳарферо ба шогирде диҳад ёд.**

Даме, ки устод шогирди бо ҷон парвардаашро соҳибкамол мебинад беихтиёр мефахрад, ки нахли парвардааш самаре додааст, зеро шогирди хуб ифтихори муаллим мегардад. Наметавон бе мураббӣ алфозе омӯхт, дониш андӯхт ё худ ба ҷое расид. Омӯзгор касест роҳнамою ҳидояткунанда, мунису ғамхор ва дӯсти беғараз. Чуноне, ки Мавлонои Балхӣ гуфтааст:

**Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,**
**Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.**
**Ҳеҷ Мавлоно нашуд муллои Рум,**
**То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.**

Аз ҳамин лиҳоз ба қадри омӯзгор бояд ҳамеша бирасем ва ҳурматашро ба ҷо биёрем.

**Ҳар кӣ накард ҳурмат устоди роҳнаморо,**
**Аз ақлу дину имон ӯро хабар набошад.**

Бахшида ба Рӯзи омӯзгор санаи 3 октябри соли 2020 дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Зимни баргузории ҷаласа директори Коллеҷ Азиззода З.А. омӯзгоронро бо рӯзи идашон табрик намуда, ба як қатор омӯзгорон, ки дар ҷодаи таълиму тарбияи донишҷӯён фаъолияти самарабахш доштанд ифтихорнома ва мукофотпулӣ тақдим намуданд.

**“Дармонбахш”**

# МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

**Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:**

**МАҲМУДОВА МАРҲАБО, 02.11.1983,**
**муаллимаи фанни экология;**
**ДАВЛАТОВА ЗУЛФИЯМО,02.11.1973,**
**муаллимаи фанни менеҷменти кори ҳамширагӣ;**
**НАЗАРОВА ОЗОДАМО, 07.11.1982,**
**муаллимаи фанни таърихи халқи тоҷик;**
**ОДИНАЕВА САНИФА, 07.11.1978,**
**муаллимаи фанни забони лотинӣ;**
**САИДОВА МАРҶОНА, 16.11.1996,**
**муаллимаи фанни асосҳои кори ҳамширагӣ;**
**ОДИНАЕВА АҲДИЯ, 17.11.1985,**
**муаллимаи фанни назарияи иқтисодӣ;**
**ҚУРБОНОВА РОБИЯМО,18.11.1991,**
**муаллимаи фанни вогиршиносӣ;**
**ФАЙЗАЛИЕВА НАВИШТАМО, 22.11.1966,**
**муаллимаи фанни кори ҳамширагӣ дар момоӣ;**
**САФАРОВ ФАЙЗУЛЛО, 23.11.1946,**
**муаллими фанни забони тоҷикӣ;**
**АЛИЕВ БОБОШО, 24.11.1993,**
**муаллими фанни асосҳои кори ҳамширагӣ;**
**БОЕВА УМЕДА,25.11.1980, котиба;**
**ШОЕВА НОЗАНИН, 26.11.1990, муаллимаи фанни кори ҳамширагӣ;**
**ЛАТИПОВ САФАРАЛӢ, 26.11.1983,**
**муаллими фанни бехатарии умум;**
**ХУШБАХТОВ АБДУЛФАЁЗ, 26.11.1984,**
**муаллими фанни тарбияи ҷисмонӣ;**

**ки дар моҳи ноябр ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва барору муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир баҳрашон гуфтанием:**

**Ҳамеша шодкому шодмон бошед.**
**Ҳамеша рӯҳбахши дӯстон бошед.**
**Ба маҳфилҳо гули рӯи сабад бошед,**
**Ҳамеша дил диҳеду дилситон бошед.**
**Ҳамеша бахтёру шод бошед.**
**Зи дарду ранҷу ғам озод бошед.**
**Зи гулзори муҳаббат гул бичинед,**
**Рухи зарди ҷудоиро набинед.**

**Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.**

**Зодрӯз муборак омӯзгорон ва кормандони азиз!**

# ОЛИМОНИ АНГЛИС ВАКСИНАИ НАВИ ЗИДДИ КОРОНАВИРУСРО САНҶИШ МЕГУЗАРОНАНД




Бори аввал дар дунё озмоиши ваксинаи SARS-CoV-2, дар рафти озмоиши он хоҳишмандонро нят доранд бо коронавирус сироят кунонанд, ки ин озмоиш моҳи январи соли 2021 дар Британияи Кабир оғоз меёбад. \Financial Times \ Аз рӯи маълумотҳои ВАО, озмоишгарон аввал ба бадани хоҳишмандон ваксинаро мегузаронанд, баъди гузашти як моҳ – вируси зиндаро ба бадани онҳо мегузаронанд. Дар ин миён дар Руссия озмоишро тамоман махфӣ мегузаронанд, ба гурӯҳи одамони хоҳишманд ваксинаро ба баданашон мегузаронад ва ё плацебо – дар ин ҳолат маълумот дар бораи он ки ба ки ваксинаро мегузаронанд дар лифофаи махсуси муҳр зада, дар сейф маҳфӯз дошта мешавад, хабар медиҳад «Газете.Ru»

Аз рӯи маълумотҳои нашрия, қабул аз моҳи январ соли 2021 дар ҳудуди клиникаи махсусгардонидашуда ноҳияи Уайтчепел дар шарқи Лондон дар ҳолати сахти риояи карантин иштирокчиёни озмоиш – кайҳо 2 ҳазор нафар мувофиқа кардаанд. Дигар ин, ки ҳар яке аз иштирокчиён зиёда 4 ҳазор евроӣ \ қариб 400 ҳазор рубли русӣ арзишаш\ мегиранд.

Одамонеро, ки қарор доданд бо дору озмоиш кунанд дамгирӣ, ва баъдан баъди як моҳ ният доранд бо вируси корона онҳоро сироят кунанд. Баъди он барои мушоҳида хобонанд, то ки фоидаоварии ваксинаро бифаҳманд. Барои ҳамин барои паст кардани инкишофи таваккал вазнинии препарати муқобили вируси «Ремдесивир» истифода мешавад, менависад FT

**«Дармонбахш»**